Суратҷаласаи №1
оид ба гузаронидани Презентасияи
тавсияи методи бо истеъмолкунандагон

02.10.2015с ш. Худжанд.

**Иштирок доштанд:** Абидов Илхом-Раиси иҷроияи иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон,Қаюмова Дилафрӯз-сардори филиали иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон дар вилояти Суғд, сардорони иншоотҳо, шӯъбаҳо ва дигарон

Рӯзномаи маҷлис:

1. Гузаронидани Презентасияи тавсияҳои методӣ барои кормандони КВДК «Хуҷандобуканал».
2. Масъалаҳои ҷорӣ

Сарогоз, Сардори хадамоти матбуоти корхона Набиев В. меҳмононро хайра мақдам гуфта, моҳияти ҷамъшави ва гузаронидани нахуст қадамҳои аввал, оиди гузаронидани Презентасия тавсияҳои методӣ гуфта гузашт. Баъдан, ӯ ҳамагонро бо фармони директори генералии КВДК «Хуҷандобуканал» таҳти №224 аз 30.09.2015 сол, шинос намуд.

Сониян, сухан ба Раиси иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон Абидов Илҳом дода шуд.

У дар баромади худ чунин гуфт, Иттифоқи истеъмолкунандагон бо таҷрибаи ҳамкории мусбӣ, ташаббуси методҳои навро дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ дар шаҳри Хуҷанд равона гаштан, оиншо намуд. Дида мешавад, ки дар КВДК «Хуҷандобуканал» солҳои охир системаи таъмини оби нӯшокӣ хеле беҳтар гаштааст, шумораи садамаҳо камтар шуданд ва сифати оби нӯшокӣ низ беҳтар шудааст.

Аммо новобаста аз дастовардҳои мазкур ҳоло низ муаммоҳое ҷой доранд,ки бо афзудани нуфузи аҳолии шаҳр,шумораи истеъмолкунандагони оби нӯшокии маишӣ , сохтмонҳои биноҳои баландошёна, ҷудо намудани заминҳои наздиҳавлигӣ ва маҷмааҳои нав зич алоқаманд мебошад. Дигаре ин муаммоҳои оид ба пардохти хизматрасонӣ, ҳисобу пардохти оби нӯшокӣ ва таншоб, ки ин баҳсҳои давомнок мебошанд-гуфта гузашт.

Албатта, гуфтан ҷоиз аст, ки масъулияти бозоргонии обтаъминкунанда ва донистани ҳуқуқу риояи ӯҳдадориҳо аз ҷониби истеъмолкунандагонро дар бар мегирад.

Ташаббуси нав барои Рушд ва баланд бардоштани маърифати истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ равона карда шудааст.

Мутобиқи ташаббуси мазкур омӯхтани методикаи «ҳалли алтернативии баҳсҳо», ки яке аз усулҳои муаммоҳо мебошад, пешбинӣ шудааст, ҳарф зад. Усули мазкур на танҳо муаммоҳо ва баҳсҳоро дар марҳилаи тосудӣ ҳал

менамояд, балки ба тарафҳо имконият медиҳад, то ки аз мушкиливу муаммоҳои хеш худ ҳаллу фасл намоянд.

Дар фарҷоми баромади худ гуфт, ки чорабиниҳои мушобеҳи омӯзишӣ ва таҷрибавӣ барои кормандон ва гурӯҳи истеъмолкунандагон аз ташкили шӯрои машваратии ҷамъиятии маҳалли баррасӣ гардида, дар моҳҳои наздик гузаронида хоҳад шуд.

Дар ҷамъбасти машварати гузаронидани Презентатсияи тавсиби методи аз номи кулли кормандон барои иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон барои чунин пешниҳоди тавсияву таклифҳо оид ба ташаббуси мазкур миннатдорӣ баён карда шуд.

Дар машварати ҷамъиятӣ намояндагии телевизиони маҳаллии ШТР «Азия» иштирок ва ба навор гирифт.

БО ҳамин дар асоси нақшаи гузаронидани чорабинии муштарак бо КВДК «Хуҷандобуканал» қисмати аввалааш ба анҷом расид.

Котиб: Набиев В.